# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «10» 05 соли 2022 № 654 ш.Душанбе

Дар бораи иҷрои
фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 13 январи соли 2022, №312

Бо мақсади иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2022, №312 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №553 «Дар бораи тадбирҳои амалишавии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2022, №312» мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2022, №312 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №553 «Дар бораи тадбирҳои амалишавии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2022, №312» барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта шавад.

2. Аз 1 июли соли 2022:

- маоши вазифавии кормандони муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи мориф, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, инчунин кормандони ташкилоту муассисаҳое, ки музди меҳнаташон ба музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ баробар мебошанд, ба андозаи 20 фоиз зиёд карда шавад (Замимаи 1, 2, 3, 4 ва 5);

- андозаи стипендияҳои амалкунандаи донишҷӯён ва дигар намудҳои стипендия, аз ҷумла стипендияҳои президентӣ (ба ғайр аз курсантҳои муассисаҳои олии ҳарбӣ ва Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) 20 фоиз зиёд карда шавад (Замимаи 6).

3. Роҳбарони муассисаҳои тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷадвали басти воҳидҳои кории амалкунандаро бо назардошти зиёдшавии музди меҳнат таҳия намуда, то 15 июли соли 2022 барои тасдиқ пешниҳод намоянд.

4. Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм сари вақт ва пурра пардохт намудани музди меҳнати кормандони соҳаи маорифро

таъмин намуда, оид ба норасоии маблағ дар фонди музди меҳнат то 25 июли соли 2022 маълумоти муфассал омода ва пешниҳод намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Ш.Хайрзода гузошта шавад.

Асос: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2022, №312 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №533 «Дар бораи тадбирҳои амалишавии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 январи соли 2022, №312»

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Вазир Р.Саидзода

Муовини вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм
Шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ
Шӯъбаи таъминоти ҳуқуқӣ